**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ, Душанбе, 2026.**

Таърихи замони шуравии навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли давлатӣ аз диди нав бо истифодаи маводу манобеи тоза дар таърихнигории муосир бештар мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дошта, то андозае як мароми муназзам ва пайвастаро соҳиб гардидааст. Ин раванд ҳанӯз аз замони бозсозӣ ибтидо гирифта, дар давраи истиқлоли давлатӣ марҳала ба марҳала бо ба даст омадани шароити мусоид, тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳод. Вобаста ба ин сислсилаи таҳқиқот ва таълифот доир ба таърихи алоҳидаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар замони шуравӣ ба миён омаданд, ки боиси пурратар омӯхтани таърихи ин давра ва ба гардиши илмӣ баровардани сарчашмаву далелҳои нави таърихӣ шуданд. Маҳз ҳамин раванд, яъне таҳқиқу баррасии таърихи минтақаҳои ҷудогона барои комилтар ва пурратар гардидани таърихи ҷомеи халқи тоҷик мусоидат менамоянд. Дар ин раванд, таҳқиқи таърихи ноҳияи нави Масчоҳ, ки худ маҳсули давраи навтарини таърихи халқи тоҷик аст, истисно буда наметавонад.

Дар замони истиқлол давлатӣ назари мутахассисон ба таърихи давраи шуравии халқи тоҷик то андозае тағйир ёфта, тавсифу таърифи он ҳамчун як марҳалаи танҳо пирӯзию созандагӣ ва адолати иҷтимоӣ аз байн рафт. Агар дар замони мавҷудияти низоми шуравӣ ба таври ошкор асосан дастоварду пешравиҳо, муваффақиятҳо ва паҳлуҳои мусбати ҳаводиси таърихӣ ба қалам дода мешуд, зеро чаҳорчӯбаи мавҷудаи идеологии ҳизби ҳукмрон ба дигар шакли инъикос иҷозат намедод, аммо дар марҳалаи пасошуравӣ бошад муҳаққиқон бештар ба тарафҳои манфӣ, нуқсу қубҳи ҷойдошта таваҷҷуҳ намуда, аз инъикосии воқеии таърихи ин давра канорагирӣ менамоянд. Вале, имрӯз зарур аст, ки таърихи давраи шуравии халқи тоҷикро дар маҷмуъ бо бурду бохт ва пешравию камбудиҳои ҷойдоштааш мавриди таҳқиқу таҳлил қарор диҳем.

Аммо, ҳангоми пажӯҳиши мавзуъ набояд аз мадди назар дур намуд, ки давраи пасазҷангии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ (солҳои 1947-1985) ҳамчун марҳалаи нисбатан муҳим дар рушди ҶШС Тоҷикистон нақши хеле муассирро соҳиб мебошад. Зеро маҳз дар ҳамин давра раванди суръати рушди ҷумҳурӣ вусъати тоза пайдо намуда, ҷумҳурӣ

тадриҷан аз минтақаи комилан аграрӣ ба як минтақаи пешрафтаи саноатию аграрии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт. Таҳаввулоти иқтисодии бамиёномада имкон дод, ки дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи навташкили Масчоҳ тағйироти назаррас ба амал ояд. Барои сокинони ноҳияи навтаъсиси Масчоҳ ин давра ибтидои марҳалаи нави ташаккул ва рушди ҳаёти ҷамъиятию маъмурӣ ва фарҳангию маърифатӣ гардид. Пас аз ташкил ёфтани ноҳия ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурӣ (27 ноябри соли 1956) ва азхудкунии заминҳои бекорхобида, инчунин муҳоҷир намудани сокинони минтақаи кӯҳистон дар ин ҷо бунёди аввалин муассисаҳои ҳизбию давлатӣ, идорию маъмурӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, саросар ҷалб намудани омма ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ оғоз ёфта, зина ба зина симои минтақаи навбунёд дигаргун гардид.

Вобаста ба ин, интихоби мавзӯи рисолаи илмии Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», саривақтӣ ва мубрам маҳсуб ёфта, кӯшиши ҷиддиест дар самти таҳқиқи ду марҳалаи таърихии давраи навтарини халқи тоҷик - давраи шуравӣ ва замони истиқлоли давлатӣ ва муқоисаи дастовардҳои созандаи сокинони ҷумҳурӣ дар ин масофаи таърихӣ маҳсуб меёбад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот боз дар он ифода меёбад, ки бори нахуст масъалаи ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ба маркази калони кишоварзӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Рисолаи илмии Қозизода Шӯҳратҷон аз ҷиҳати банду баст ва сохтор ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати маъхазҳою адабиёти истифодашуд иборат мебошад.

Дар муқаддима, унвонҷӯ доир ба мубрамии мавзӯъ ва зарурияти интихоби он, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо ва объекту мавзуи таҳқиқот, доираи замонавии он, асосҳои назариявию методологӣ ва пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии натиҷаҳои ба даст омада, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомёфта, ба таври мушаххас ва вобаста ба талаботи муқарраршуда маълумот медиҳад.

**Боби аввали рисола - «Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ»**, ки аз ду зербоби алоҳида иборат аст, ба таҳқиқи заминаҳо ва омилҳои асосии азхудунии заминҳои бекорхобида,

муҳоҷир намудани аҳолии манотиқи кӯҳии ҷумҳурӣ ба водиҳо, ташкил ёфтани ноҳияи нави маъмурии Масчоҳ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал **«Азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва муҳоҷиркунонии масчоҳиён»**, унвонҷӯ асосан ба таҳқиқи ду масъала, аввал масъалаи азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин, рафти бунёди НБО-и Қайроққум ва ва обанбори он, сохтмони иншооти ирригатсионӣ ва корҳои мелиоративӣ дар ин ҳавза, инчунин масъалаи муҳоҷир намудани сокинони ноҳияи Кӯҳистони Масчоҳ ба ин минтақа бештар таваҷҷуҳ намудааст.

Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки азхуд намудани заминҳои бекору беоб муҳимтарин натиҷаи сохтмони НБО-и Қайроққум мебошад, ки яке аз сохтмонҳои азим ва дорои аҳаммияти умумиттифоқӣ маҳсуб меёфт. Бо шарофати сохтмони НБО-и Қайроққум ва обанбори он, корҳои зиёди ирригатсионию мелиоративӣ гузаронида шуда, заминҳои бекор ва беоби дашти Дилварзин дар як муддати кӯтоҳ азхуд карда шуданд, ки ин барои ташкил додани як ноҳияи нави пахтакор ва ба он ҷо муҳоҷир намудани қувваи кории зиёд аз манотиқи кӯҳӣ, аз ҷумла аз Кӯҳистони Масчоҳ замина ба миён овард.

Муҳоҷирсозии аҳолии Кӯҳистони Масчоҳ дар таърихи давраи шуравӣ яке ҳодисаҳои нодир маҳсуб меёфт, зеро бори аввал сокинони як ноҳияи маъмурӣ ба шакли пурра ва бо ҳамон сохтори мавҷуда аз манотиқи кӯҳистон ба заминҳои нав кӯчонида шуданд. Ин таҷриба имкон дод, ки минтақаи кӯҳистон ба сохтори ноҳияи нав ворид гардад ва, аз тарафи дигар барои дар оянда обод намудани ин минтақа роҳ кушояд. Аҳолии рустоҳои гуногун, аз ҷумла 47 деҳаи Кӯҳистони Масчоҳ ба Дилварзин муҳоҷир шуданд ва масоҳати байни ноҳияи кӯҳистон ва ноҳияи нав аз 243 то 300 километрро ташкил медод. Танҳо дар солҳои 1956-1967 барои ба ноҳияи нав овардани хонаводаи сокинони Кӯҳистони Масчоҳ 654,9 ҳазор рубл ё ба ҳисоби миёна ба ҳар оила 119 рубл сарф гардид. Раванди комили муҳоҷиркунӣ, харҷи нақлиёт ва ёрдампулӣ дар ноҳияи Масчоҳ 1088,6 ҳазор рубл ё худ ба ҳисоби миёна ба ҳар оила 265 рублро ташкил кард, ки ин ба андозаи хароҷот ва имти[illegible]зи муҳоҷиркунии банақшагирифта мувофиқ буд. Тибқи маълумоти шуъбаи вилоятии муҳоҷират ва сафарбар намудани коргарон то санаи 15 июни соли 1959 аз 1516 оилаи муҳоҷирон 967 оила дар хонаҳои истиқоматии тайёр ҷойгир шуданд, 579 хоҷагӣ чунин хонаҳо надоштанд ва 220 оила дар хонаҳое ҷойгир шуданд, ки ҳанӯз дар асоси санад ба ихтиёри колхозҳои навтаъсис гузашта набуданд.

Зербоби дуюми боби аввал - **«Ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ»** ба таҳқиқи раванди ташкилёбии ноҳияи нав, эъмори сохторҳои марбути

идорию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, мақомоти маъмурии он равона шудааст. Дар раванди таҳлилу таҳқиқи он унвонҷӯ дар такя ба маъхазҳои расмӣ, санаду далелҳои бойгонӣ ба таври муфассал ташкилёбии як воҳиди маъмурии нави ҷумҳуриро нишон дода, таъкид менамояд, ки ноҳия тибқи қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 27 ноябри 1956 ташкил ёфтааст. 28 июли соли 1966 тибқи қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, маркази маъмури ноҳияи Масчоҳ, ки пештар Янтоқ номида мешуд, шаҳраки Бӯстон номгузорӣ шуд. Новобаста аз мушкилоту мураккаботи раванди азхудкунӣ, ташкили ноҳияи комилан нав ва ҷобаҷосозии аҳолии муҳоҷиршуда, дар як муддати кӯтоҳ минтақаи серзамин ва обёришавандаи хоҷагии кишоварзӣ бунёд гардид, ки баъдан дар рушди ҷумҳурӣ ва, ба вижа соҳаи кишоварзии он нақши муассир гузошт.

**Боби дуюми рисола - «Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ (солҳои 1955-1991)»**, ки низ аз ду зербоб иборат мебошад, ба таҳқиқи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ бахшида шудааст. Дар зербоби аввал-«**Рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия Масчоҳ дар солҳои 1955-1991**», диссертант дар заминаи манобеи фаровон, пеш аз ҳама маводи бойгонӣ ва расмии оморӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ, аз ҷумла ташкилёбии колхозу совхозҳои калони кишоварзӣ, ба як минтақаи асосии пахтакорӣ табдил ёфтани ноҳия, истифодаи технология пешқадами пахтапарварӣ ва ба ҳавзаи пешқадами таҷрибавии соҳа дар минтақа табдил ёфтани Масчоҳ таҳқиқот бурдааст.

Дар баробари пахтакорӣ дигар соҳаҳои кишоварзӣ низ дар ноҳия рушд ёфта, ҳиссаи ноҳия дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилоят солбасол афзоиш ёфт. Маълумоти оморӣ ва муқоисаи натиҷаҳои охири солҳои 70 - ибтидои солҳои 1980 нишон медиҳанд, ки вилояти Ленинобод дар соҳаи кишоварзӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада аз ду ҷиҳат арзишманд буданд: аввалан, онҳо сатҳи баланди иҷрои нақшаҳои давлатӣ ва барзиёдсупории маҳсулотро нишон медоданд; сониян, дар заминаи афзоиши иқтидори техникӣ ва такмили усулҳои агротехникӣ, рушди устувори соҳаро таъмин менамуданд.

Ҳамин тавр, таҳлили рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи тозатаъсиси Масчоҳ дар давоми зиёда сӣ соли мавҷудияти ҷомеаи шуравӣ (солҳои 1955-1991) нишон медиҳад, ки дар ин муддат ноҳия аз як мавзеи заминҳои бекорхобида ва дар натиҷаи муҳоҷирати аҳолии манотиқи кӯҳӣ ба макони зист табдил ёфта, ба яке аз минтақаҳои пешрафтаи ҷумҳурӣ ва вилоят табдил ёфта, унвони яке аз ноҳияҳои

асосии кишоварзӣ, махсусан пахтакориро соҳиб гардид. Зербоби дуюми ин боб - **«Ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии Масчоҳ дар замони шуравӣ»** бахишида шуда, унвонҷӯ дар натиҷаи таҳқиқи амиқ бо истифода аз далелҳои дақиқ раванди таҳаввулоти ҷидди ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳияро дар солҳои мавҷудияти сохти шуравӣ нишон медиҳад. Пеш аз ҳама, ташаккули низоми маорифи ноҳияи нав, афзоиши шабакаи мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимию томактабӣ, дастовардҳои хонандагон ва иштироки онҳо дар озмунҳои гуногуни илмию таълимӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ибтидои солҳои 80-ум муассисаҳои таълимии ноҳия дорои пойгоҳи хуби моддию таълимӣ буданд ва танҳо дар давоми 9 моҳи соли 1980 ба маблағи 41,1 ҳазор рубл воситаҳои таълимии аёнӣ харидорӣ шуд, ки ин 77,9% нақшаи солонаро ташкил медод. Соли таҳсили 1988/89 дар ноҳия 46 мактаб бо 20 296 нафар хонанда фаъолият менамуд, ки аз ин шумора 16 841 нафар дар мактабҳои миёна таҳсил менамуданд. Ғайр аз ин дар ноҳия ду мактаб-интернат мавҷуд буд, ки дар онҳо 174 нафар хонанда тарбия мегирифтанд.

Раванди рушди ҳаёти фарҳангии ноҳия дар бахши алоҳида мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Унвонҷӯ зина ба зина дигаргуншавии ҳаёти фарҳангӣ, хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ, афзоиши шумораи муассисаҳои фарҳангӣ, сатҳи маърифатии аҳолиро бо овардани мисолҳои мушаххас инъикос намуда, солбасол болоравии нақши ноҳияро дар миқёси вилоят ва ҷумҳурӣ нишон медиҳад. Таҳлили муфассали маълумоти оморӣ, санадҳои расмии бойгонӣ ва маводи таҳқиқотӣ нишон медиҳанд, ки тағйироти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатие, ки дар замони шуравӣ дар ҳудуди ноҳия ба миён омада, падидаи мавсимӣ ва ё маҳдуд набуданд, балки дорои хусусияти муназзам ва пайдарпай тибқи қонуну барномаи рушд ба вуқуъ меомаданд.

Боби сеюми рисола-**«Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (1991-2021)»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб - **«Истиқлол ва рушди иҷтимоию иқтисодии Масчоҳ»**, диссертант, пеш аз ҳама ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми кишвар, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ, оғози марҳалаи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин намуд. Яке аз ин имкониятҳо аз ноҳияи комилан аграрӣ ба ҳавзаи саноатию аграрӣ табдил ёфтани ноҳия мебошад. То замони истиқлол дар ҳудуди ноҳияи калони пахтакории ҷумҳурӣ ҳамагӣ ду корхонаи саноатӣ мавҷуд буд, ки аз онҳо як корхонаи пахтатозакунӣ дар шаҳраки Бӯстон ва дигаре матбааи ноҳия буданд. Соли 2020 шумораи корхонаҳои саноатии ноҳия ба 30 адад расида, ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ноҳия аз 14,7

млн. сомонии соли 1991 ба 240,7 млн. сомонӣ дар соли 2019 расид, ки ин 16 маротиба зиёд мебошад.

Ноҳия дар партави сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи ҳукумати кишвар таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳу дастгирии бевоситаи мақомоти олии роҳбарии ҷумҳурӣ, тарҳрезии барномаҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати давлатии рушд, маблағузории ҳадафмандона ва, муҳимтар аз ин таъмини суботу оромии ҷомеаи кишвар тадриҷан рӯй ба инкишоф оварда, дар ду даҳсолаи охир дар самти кишоварзӣ ба дастовардҳои шоён ноил гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюми рисола - **«Ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият»** ба таври муфассал дастовардҳои ноҳия дар самти ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диссертант таъкид менамояд, ки ба шарофати таъмини сулҳу ваҳдат пешрафти устувори соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва татбиқи пайгиронаи ҳадафҳои стратегии ноил шудан ба истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҷумҳурии соҳибистиқлол ва, аз ҷумла ноҳияи Масчоҳ бо маром рушд ёфт. Пешрафти иқтисодӣ ва фазои орому осоишта барои ҳаёти фаъолонаи ҷамъиятию фарҳангии шаҳрвандон имконоти хуб ва шароити мусоидро фароҳам оварданд. Имрӯз кишвари тозаистиқлол зери парчами сиёсати мудаббиронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳалаи нави рушду пешрафт қарор дошта, баҳри истиқболи сазовори 35-солагии истиқлоли давлатӣ ба корҳои ободонию бунёдкорӣ вусъати тоза мебахшанд.

Дар бахшҳои алоҳида доир ба рушди маорифи ноҳия дар замони истиқлол, ислоҳоти соҳа ва дастовардҳои назарраси он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Тибқи маълумоти омории соли 2020, дар ҳудуди ноҳия 45 адад муассисаҳои таълимӣ фаъолият доштанд, ки аз ин шумора 35 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ ва 2 муассисаи шакли литсей ташкил медоданд. Дар маҷмӯъ дар мактабҳои ноҳия 21068 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Зикр кардан ба маврид аст, ки 38 муассисаи таълимӣ дар минтақаи деҳот ҷойгир буданд. Илова ба ин, дар ноҳия 9 кӯдакистон ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла Литсейи касбии саноатию кишоварзӣ, Коллеҷи кишоварзӣ ва Коллеҷи омӯзгорӣ амал менамуданд.

Ҳамин тавр, дар сӣ соли замони соҳибистиқлолӣ ноҳия Масчоҳ ба мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар роҳи амалисозии барномаву нақшаҳои ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ зеро парчами сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ташаккули низоми миллии маориф ва рушду мувофиқ гардидани он ба талаботи ҷаҳони муосир комёбиҳои шоёнро ба даст овардааст. Ин дастовардҳо самараи Истиқлол, сулҳу ваҳдати миллӣ ва ғамхорию дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия низ куллан ба сатҳи нав баромада, дар ибтидои асри XXI ба дастовардҳои чашмрас ноил гардид. Дигаргунии назаррас дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии ноҳия мушоҳида мегардад. Баробари рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва соҳаи маориф таҳаввулот дар самти хизматрасонии тиббӣ, хизмати маишӣ, ободии шаҳру маҳалҳои аҳолинишин, санъату ҳунар, сатҳи маърифатии аҳолӣ мушоҳида мегардад.

Дар хулоса, унвонҷӯ натиҷаи таҳқиқоти хешро доир ба инъкоси ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол ҷамъбаст намуда, назару хулоса ва пешниҳодҳои худро ба шакли мушаххас вобаста ба ҳар як боби рисола манзур намудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама дар он аст, ки бори нахуст дастоварди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии як ноҳияи алоҳидаи ҷумҳурӣ дар ду марҳалаи таърихии як давраи таърихӣ, бо истифода аз манобеи гуногун мавриди инъикос қарор гирифта, диссертант тавонистааст, ки дар муқоиса неруи созанда ва бунёдкории тоҷиконро дар мисоли як ноҳия нишон диҳад.

Дастоварди муҳимми унвонҷӯ дар он аст, ки дар асоси таҳлилу баррасии манобеи зиёди илмӣ, пеш аз ҳама маводи бойгонӣ, санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ ва матбуоти даврӣ саҳифаи рангини як минтақаи ҷумҳуриро тасвир намояд. Махсусан, маводи зиёди бойгонии аз БДВС ба даст оварда, ки аксариати онҳо бори аввал ба гардиши илмӣ ворид шудаанд, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқотро ғанӣ гардонида, барои инъкоси пурраи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия мусоидат намудаанд.

Хулосаҳои назариявии муаллиф, муқаррарот, натиҷаҳои илмӣ назариявии асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи муосири халқи тоҷик аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд. Ҳамзамон, тавсияҳои алоҳидаи унвонҷӯро метавон ҳангоми ба нақшагирии рушди ноҳия ва идоракунии он истифода намуд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқи муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз

ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд. Мазмун ва муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар 12 мақолаи унвонҷӯ, аз ҷумла дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии **Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)»** аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300-Таърих 6D020301 - Таърихи ватанӣ арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих,**
**профессор, сарходими илмии ИТБМ**
**ба номи А. Дониши АМИТ** — **Убайдулло Насрулло Каримзода**

*Имзои профессор Убайдулло Н.К.-ро тасдиқ менамоям.*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А.Дониши АМИТ** — **Файзуллоева Г. Қ**

«12» 02 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33, тел.: (+ 992 (37) 221-37-42,
e-mail: nasrullokarimovich@mail.ru